«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, д.и.и.,
профессор ________ Шарифзода М. М.
«18» ____04____ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович 28 сентябри соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович, 28-уми сентиябри соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович соли 1999 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров-ро аз руи ихтисоси физика хатм намуда, сипас ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ихтисоси молия ва қарз дохил шуда, онро соли 2003 бо касби иқтисодчӣ аз руи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Соли 2018 дар ҷаласаи навбатии шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мувофиқи бандҳои 4.3.7- и протоколи №6 аз 29.01.2018 сол Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи кори бонкӣ вобаста карда шуд. Мавзӯи

номзадиаш «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тасдиқ ва доктори илмҳои иқтисодӣ , профессор Шариф Раҳимзода роҳбари илмии ӯ таъин карда шудааст.

Ҳамзамон фаъолияти худро дар Тавҳидбонк- аввалин бонки исломии инноватсионии Тоҷикистон идома дода истодааст. Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар ҷодаи фаъолияти бонкдорӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ дошта, дар ҳалли доираи васеи масъалаҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва заминаҳои дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамони бонкӣ дар байни мизоҷон таҳқиқот анҷом дода, дар ин самт мустақилият зоҳир намуда истодааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимзода Шариф Махсум.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз чунин хулоса қабул карда шуд.

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ оид ба ташаккули низоми бонкдории исломӣ арзёбӣ гаштааст.

Рушди устувор ва самарабахши иқтисодиёт бе ташаккули муносиби бозори маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқанд ва онҳоро қонеъ менамоянд, имкон надорад. Зеро, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкии дастрас ва бехавф аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба истеъмолкунандагон (субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ) заминаи фаъолияти самарабахши онҳо мебошад. Бешубҳа, агар низоми бонкӣ вазифаҳои худро ба таври муносиб иҷро карда натавонад, яъне талаботи рӯзмарраи мизоҷон ба маҳсулоти бонкӣ қонеъ гардонида нашавад, он гоҳ

хавфҳои иқтисодӣ афзуда вазъи молиявии онҳо бад мешавад ва хатари муфлисшавиашон ба миён меояд.

Таи солҳои охир дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилиҳои сохтори бонкӣ дар самти иҷрои вазифаҳои худ ва номукаммалӣ дар пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ ба назар мерасад. Он дар пурра қонеъ накардани талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ифода меёбад. Масалан, дар бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ метавон фоизи нисбатан баланди қарзҳоро мушоҳида кард. Дастрас набудани захираҳои қарзӣ барои қисми назарраси субъектҳои хоҷагидорӣ ва хусусияти манфиатҷӯёнаи муносибатҳои қарзӣ метавонад боиси дуршавии бахши бонкӣ аз соҳаҳои воқеии иқтисодиёт гардад. Ба андешаи мо, дар маҷмӯъ ҳолатҳои зикршуда қодиранд, ки мавҷи нави бӯҳронҳоро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд оранд. Ҳамин тариқ, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати бонкӣ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти объективӣ буда мусоидаткунандаи рушди он мебошад.

Дар ин замина охирҳои қарни гузашта дар бозори молиявии ҷаҳонӣ бонкҳои ба ном исломӣ ташаккул ёфтаанд, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкиро тибқи меъёрҳои шариати исломӣ пешниҳод карданд ва дараҷаи баланди эътимоднокию устувориро нишон доданд.

Бонкдории исломӣ, ки тадриҷан дар иқтисодиёти аксари кишварҳои ҷаҳон мавқеъ пайдо кард, тавонист нишон диҳад, ки дар қиёс бо бонкҳои анъанавӣ талаботи истеъмолкунандагонро сифатан беҳтар қонеъ мекунад. Ба таври дигар, амсилаи пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси принсипҳои манъи ситонидани фоизҳо, номуайянӣ, манфиатҷӯӣ ва хавфҳои беасос ба талаботи аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ҳоло дар зиёда аз ҳафтод давлати дунё бештар аз 300 бонкҳои исломӣ фаъолият доранд, ки суръати афзоиши солонаи маҷмӯи дороиҳои онҳо зиёда аз 15-17% -ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки бонкҳои исломӣ тадриҷан як қисми назарраси бозори молиявии байналмилалиро соҳиб шудаанд. Ба андешаи мо, бонкдории исломӣ чунин миқёси васеъро ба даст намеовард ва дар кишварҳои ҷаҳон сазовори таваҷҷӯҳ намешуд, агар он танҳо ба ҷаҳони

исломӣ хос мебуд. Ба андешаи мо, агар бонкдории исломӣ танҳо ба ҷаҳони исломӣ хос мебуд, дар кишварҳои ҷаҳон сазовори таваҷҷӯҳ намешуд ва чунин миқёси васеъро ба даст намеовард. Яке аз бартариҳои бонкдории исломӣ дар он аст, ки новобаста ба ҳуқуқҳои исломии "шариат" асос ёфтанаш, ба тамоми ҷаҳон нигаронида шудааст, яъне ҳам дар кишварҳои исломӣ ва ҳам кишварҳои ғайриисломии ҷаҳон бомуваффақият рушд карда метавонад. Аз ин рӯ, принсипҳо ва ғояҳои бонкдории исломӣ дар кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққии ҷаҳон, ки исломро эътироф мекунанд ва ё намекунанд, татбиқи амалии худро пайдо кардаанд.

Бо шарофати истиқлолият ва ба даст овардани суботи пурраи сиёсӣ, роҳандозӣ гардидани марҳилаи созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон шуд имконият дод, ки фаъолияти муассисаҳои молиявии исломӣ омухта ба роҳ монда шавад. Ташаккули бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҷдиди бахши низоми бонкӣ тақвият додани таваҷҷӯҳ ба сармоягузории бонкҳо ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии кишварро дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои исломӣ дар соҳаи бонкдорӣ нисбатан ба қарибӣ, яъне аз нимаи дуюми соли 2019, пас аз табдили собиқ "Соҳибкорбонк" ба бонки исломӣ ва тағйири номи он ба "Тавҳидбонк" мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкдории исломӣ нисбатан ба қарибӣ, яъне аз нимаи дуюми соли 2019, пас аз тағйири номи собиқ ҶСК "Соҳибкорбонк" ба ҶСК "Тавҳидбонк" ва табдили он ба бонки исломӣ мавриди амал қарор гирифтанд

Аз ин мавқеъ, омӯзиши принсипҳои ташаккул ва муайян кардани тамоюлҳои рушди бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баҳодиҳии фаъолияти дурнамои онҳо дар самти таҷдиди бозори молиявии кишвар вазифаи мубрами илми иқтисодии ватанӣ маҳсуб мешавад. Ин омилҳо асоси интихоби мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва самти таҳқиқот гардид.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва

вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Муаллиф дар коркарди механизмҳои ташаккули низоми бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи пурраи иқтидори он саҳми арзандаи худро гузошт. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои тадқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва инчунин тавсифи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Инчунин барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, дар байни онҳо усулҳои таҳлили системавии иқтисодӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва омории коркарди иттилоот истифода шудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори аввал дар илми иқтисодии ватанӣ раванди ташаккул ва фаъолияти бонкдории исломӣ ҳамчун унсури таркибии низоми бонкии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва ҳаматарафа таҳлил карда мешавад.

Ба натиҷаҳои назаррасе, ки мундариҷаи навгонии илмиро инъикос менамояд аз зеринҳоро иборат аст:

- **низомбандӣ намудани** консепсияҳои илмии омӯзиши мафҳумҳои назариявии ба бонкдорӣ дахлдор ва ҷанбаҳои фарқкунандаи бонки исломӣ аз бонки анъанавӣ имкон дод, ки тафсири зерин пешниҳод карда шавад, ки тибқи он: “Бонки исломӣ ниҳоди ҷудогонаи бозорӣ буда доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ, инчунин тавсеаи ҳаракатҳои сармояи миллӣ ва байналмилалиро дар асоси риояи принсипҳои ҳуқуқи исломӣ «шариат» дар шароити пешгӯинашавандаи рушди иқтисодиёт пешниҳод менамояд”

- **исбот намудани** асоснок карда шудааст, ки дар илм равишҳои зиёди методологии баҳодиҳии бонкдории анъанавӣ мавҷуданд, аммо дар робита бо бонкдории исломӣ чунин равишҳои методологӣ вуҷуд надоранд ва бо ин мақсад истифодаи методологияе, ки ҳангоми баҳогузории бонкҳои анъанавӣ истифода мешавад, мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Аз ҷумла,

нишондиҳандаҳои зерин: эътимоднокӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, хароҷотбарорӣ, кифоягии сармоя, сохтор ва сифати дороиҳои бонк баҳогузорӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, методологияи баҳодиҳии ҳиссаи мутлақ ва нисбии бонк дар бозор, хароҷоти сармоя, шумораи муштариён, ки бо нишондиҳандаҳои шабеҳи рақибони асосӣ муқоиса мегарданд, арзёбӣ мешаванд;;

- **таҳқиқ намудани** асоснок карда шудааст, ки бонкҳои исломӣ ҳам дар кишварҳои исломӣ ва ҳам ғайриисломии ҷаҳон рушд мекунанд. Дар рушди бонкдории исломӣ дар кишварҳои ғайриисломӣ Британияи Кабир, дар байни кишварҳои исломӣ – Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, кишварҳои ИДМ - Қазоқистон пешсаф мебошанд. Ҷамъбасти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ташаккулёбии бонкҳои исломӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ хусусиятҳои зерини умумӣ дорад: ҷорӣ намудани баъзе маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкии исломӣ (кушодани равзанаҳои исломӣ дар бонкҳои анъанавӣ); пайдоиши бонкҳои комилан исломӣ; ташаккули ташкилотҳои ғайрибонкии молиявии исломӣ.

- **муайян намудани** амсилаи иқтисодӣ ва математикӣ таҳия шудааст, ки мувофиқи он ба даромаднокии "Тавҳидбонк"-и исломӣ, сохтори дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, инчунин арзиши сармояи муҳофизатии бонк таъсири нисбатан зиёд дорад. Исбот карда мешавад, ки байни тағйирёбандаҳои ҷамъбастӣ ва омилҳо муносибати миёнаи мусбат мавҷуд аст, ки муқаррароти нигоҳ доштани тавозуни мутаносиби ба даст овардани фоидаи калонтарин аз фаъолият ва коҳиш додани хароҷот яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад.;

- **асоснок намудани** нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои ватанӣ моҳияти гуногунсамт доранд, ки бо мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ, норасоии маблағҳои муомилотӣ, малакаи пасти касбӣ ва ғайра вобаста аст. Аз ҷумла: муайян карда шудааст, ки аз рӯи даромаднокии дороиҳо, сармоя ва даромади холиси фоизӣ дар кишвар ҶСК "Ориёнбонк" мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Ҷойи дуюм аз рӯи ин меъёр дар бозори молиявӣ ба ҶСК "Бонки Эсхата" тааллуқ дорад. ҶСК "Тавҳидбонк", новобаста

аз дар марҳилаи ибтидоии фаъолият қарор доштанаш аз рӯи нишондиҳандаи “меъёри пардохтпазирӣ” мавқеи пешсафиро дорад.;

- **коркард ва пешниҳод** самтҳои дурнамои рушди бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд, ки онҳо: омода кардани кормандони баландихтисос дар соҳаи бонкдории исломӣ; паҳн намудани фурӯши маҳсулоти бонкии исломӣ; риояи принсипҳои шариати исломӣ дар бонки исломӣ; тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо кишварҳое, ки дар самти рушди бонкдории исломӣ соҳиби муваффақияти назаррас шудаанд; дар Бонки миллии Тоҷикистон ва “Тавҳидбонк” ташкил кардани марказҳои доимоамалкунандаи омӯзишӣ оиди маблағгузории исломӣ; ташкили сохтори идоракунии махсуси ба хавф нигаронидашуда дар сохтори бонкдории исломӣ мебошанд. Исбот карда шудааст, ки рушди минбаъдаи бонкдории исломӣ аз ташаккули ниҳодҳои ҳамшафати муассисаҳои молиявии исломӣ, аз ҷумла ширкатҳои суғурта вобаста аст.

**5. Мақсад ва вазифаи таҳқиқот м**ақсади рисолаи илмӣ мавриди таҳлил қарор додани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии бонкдории исломӣ дар шароити муосир, инчунин таҳия намудани тавсияю пешниҳодҳо оиди ташаккули бонкдории исломӣ ва такмил бахшидани фаъолияти он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи стратегияи давлат мебошад.

Барои ноил гардидан ба мақсади дар пеш гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- таҳқиқи асосҳои илмӣ-консептуалии ташаккул ва фаъолияти бонкдории исломӣ, инчунин муайян кардани нақши он дар шароити муосир;

- омӯзиши равишҳои методие, ки аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ба баҳо додани самаранокии бонкдории исломӣ имкон медиҳанд;

- таҳлили тамоюлҳо ва вазъи муосири рушди бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти миллӣ;

- арзёбии фаъолияти Бонки исломии иноватсионии “Тавҳидбонк” дар шароити муосир ва хусусиятҳои фаъолияти он;

- муайян кардани таркиб ва мундаричаи хавфҳо дар фаъолияти бонкдории исломӣ дар иқтисоди бозорӣ ва идоракунии онҳо;

- муайян кардани омилҳое, ки ба рушди бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд ва амсиласозии онҳо дар шароити муосир;

- таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба беҳтар намудани бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васеъ намудани миқёси он.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия.** аз рушди илми иқтисодии ватанӣ тавассути ба доираи илмӣ ворид сохтани хулосаҳои илмӣ оиди аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, моҳият ва механизмҳои фаъолияти бонкдории исломӣ дар ташаккули бозор дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Натиҷаҳои илмии дар рисола мавҷудбуда метавонанд ҳамчун заминаи назариявии таҳқиқотҳои нав дар соҳаи бонкдории исломӣ истифода карда шаванд.

Маводҳо ва хулосаҳои муайяни дар рисола пешниҳодшуда метавонанд дар донишгоҳҳои олии Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои таълимӣ, аз қабили “Бонкдорӣ”, “Муомилоти пулӣ ва қарз”, “Молия”, “Иқтисоди ҷаҳонӣ”, “Суғурта”  ва ғ. истифода шаванд.Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар татбиқи сиёсати бонкӣ ва пулии Бонки миллии Тоҷикистон, дар ташкили сохторҳои дигари молиявии исломӣ дар ҷумҳурӣ истифода шаванд. Тавсияҳои алоҳидаи рисолаи илмӣ метавонанд дар фаъолияти  Бонки исломии иноватсионии “Тавҳидбонк” истифода шаванд ё аллакай татбиқи худро дар фаъолияти он пайдо кардаанд. Дар баробари ин, баъзе хулосаҳои дар таҳқиқоти мазкур овардашуда барои ҷалби сармояи исломии хориҷӣ аҳамияти амалӣ доранд, ки метавонанд барои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои алоҳида манфиат дошта бошанд.

**7. Мутобиқатии диссертатсияи ба ихтисос ва самти илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақа ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**8. Инъикоси маводҳои рисола дар корҳои чопшудаи муаллиф:** аз рушди илми иқтисодии ватанӣ тавассути ба доираи илмӣ ворид сохтани хулосаҳои илмӣ оиди аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, моҳият ва механизмҳои фаъолияти бонкдории исломӣ дар ташаккули бозор дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Натиҷаҳои илмии дар рисола мавҷудбуда метавонанд ҳамчун заминаи назариявии таҳқиқотҳои нав дар соҳаи бонкдории исломӣ истифода карда шаванд.

Маводҳо ва хулосаҳои муайяни дар рисола пешниҳодшуда метавонанд дар донишгоҳҳои олии Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои таълимӣ, аз қабили “Бонкдорӣ”, “Муомилоти пулӣ ва қарз”, “Молия”, “Иқтисоди ҷаҳонӣ”, “Суғурта” ва ғ. истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар татбиқи сиёсати бонкӣ ва пулии Бонки миллии Тоҷикистон, дар ташкили сохторҳои дигари молиявии исломӣ дар ҷумҳурӣ истифода шаванд. Тавсияҳои алоҳидаи рисолаи илмӣ метавонанд дар фаъолияти Бонки исломии иноватсионии “Тавҳидбонк” истифода шаванд ё аллакай татбиқи худро дар фаъолияти он пайдо кардаанд. Дар баробари ин, баъзе хулосаҳои дар таҳқиқоти мазкур овардашуда барои ҷалби сармояи исломии хориҷӣ аҳамияти амалӣ доранд, ки метавонанд барои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои алоҳида манфиат дошта бошанд.

**Феҳрасти муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд**:

*А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*

[1-М]. Ш. Раҳимзода., Раҳмонов З.А. Асосҳои назариявии рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ З.А.Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. - №3. - С. 168-175.

[2-М]. Раҳмонов З.А. Таҳлили муқоисавии бонкдории анъанавӣ ва бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.А.Раҳмонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. - №4. - С. 196-205.

[3-М]. Раҳмонов З.А. Равишҳои методологии ташаккул ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои исломӣ [Матн] / З.А.Раҳмонов // Ахбори ДДҲБСТ. Хуҷанд. – 2022. - №4. – С. 198-205

[5-М]. Раҳмонов З.А. Тамоюлҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти рушди бонкдории исломӣ [Матн] / З.А.Раҳмонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2023. - №1. - С. 78-85.

[5-М]. Ш. Раҳимзода., Раҳмонов З.А. Баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба натиҷаҳои ниҳоии бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. З.А.Раҳмонов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - №1. - С. 127-133.

*Б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия*:

[1-М]. Раҳмонов З.А. Баъди хусусиятҳои хоси бонкдории исломӣ дар ҷомеа [Матн]/ З.А.Раҳмонов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ» ( ш. Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021). Саҳ 579

[2-М]. Раҳмонов З.А. Равишҳои методологии ташаккул ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои исломӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо» ( ш. Душанбе, 11-уми марти соли 2023). Саҳ 126

1.Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии самти иқтисодӣ буда, бахри ташаккули низоми бонкдории исломӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 18 нафар;

зид - нест;

бетараф - нест.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 15 апрел соли 2022, протоколи № 9 қабул шудааст.

Раиси маҷлис, мудири кафедраи
кори бонкии ДДҲБСТ,
н.и.и., дотсент Юсупов Д. С.

Котиби маҷлис, коргузори кафедраи
кори бонкии ДДҲБСТ Саломова Н.И.

Дурустии имзоҳои Юсупов Д.С. ва Саломова Н.И – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ______________ Мирпоччоев И.Ҳ.

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj